**Санҷиш дар Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № 1 –дорои бачагони ятиму бепарастори ноҳияи Рӯдакӣ ва дар Мактаб-интернати ҷумҳуриявии кӯдакони кари ноҳияи Рӯдакӣ.**

Тибқи Нақшаи кори мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак рӯзҳои 06-07.10.2016 кормандони шуъбаи ҳифзи давлатии ҳуқуқҳои кӯдак аз Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № 1 –дорои бачагони ятиму бепарастори ноҳияи Рӯдакӣ ва дар Мактаб-интернати ҷумҳуриявии кӯдакони кари ноҳияи Рӯдакӣ дидан намуданд.

Дар вақти санҷиш аз муассисаи мазкур бо роҳбарон ва кормандони он вобаста ба вазъи риояи ҳуқуқҳои кӯдакон, сабабҳо ва тартиби ба мактаби мазкур равон кардани кӯдакон, шароити нигоҳдорӣ, ҳуқуқ ба ҳифзи саломатӣ, таъминот бо ғизо, муносибат бидуни зӯроварӣ, муошират бо хешовандон суҳбатҳо доир гаштанд. Ҳамчунон ба шароити синфхонаҳо, сифати таълими хонандагон, шароити кори омӯзгорон, тарзи ташкилу ба роҳ мондани раванди таълим, бо маводу китобҳои дарсӣ, асбобҳои аёнӣ, татбиқи стандартҳои давлатии таҳсилоти ибтидоӣ ва умумӣ, иштироки хонандагон ба дарс диққат дода шуд.

Шароити нигоҳдорӣ ва муносибат бо кӯдакони муассисаҳо хуб мебошад. Ҳангоми боздид ва суҳбат бо талабагони муассисаҳои номбурда, вайронкунии ҳуқуқҳои кӯдакон ошкор нагардид.